**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 15/2с

аз «13» 01 соли 2023

Вазорати рушди иқтисод ва
савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа аз ҷониби Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар моддаҳои 5 ва 9 лоиҳа уҳдадориҳо барои шахсони ҳуқуқӣ оид ба бақайдгирии номи фирмавӣ ва шартномаи иҷозатномадиҳӣ вобаста ба истифодабарии номи фирмавӣ, вуҷуд доранд. Ҳамзамон, дар қисми 1 моддаи 7 лоиҳа муқаррарот оид ба вуҷуд омадани ҳуқуқи истисноӣ ба номи

фирмавӣ аз санаи ба қайд гирифтани шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти ваколатдори давлатӣ, пешбинӣ шудааст. Дар муқаррароти мазкур калимаҳои “шахси ҳуқуқӣ” ба калимаҳои “номи фирмавӣ” иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 4 лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳаммонанд будани номи фирмавӣ ба дигар номҳои фирмавии шахсони ҳуқуқӣ, насаби шахси машҳур, номҳом асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, номҳои ташкилотҳои ғайритичоратӣ, номҳои давлатҳо ва ташкилотҳо, пешбинӣ гардидааст.

4. Дар натиҷаи амалишавии лоиҳа барои шахсони ҳуқуқӣ масрафҳои иловагӣ вобаста ба супоридани пардохт барои бақайдгирии номи фирмавӣ ва шартномаи иҷозатномадиҳӣ, ба миён меоянд. Лоиҳа аз низоми буҷети Ҷумҳурии Точикистон маблағҳои иловагиро талаб намекунад.

5. Бо мақсади пурра ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва истифодабарии номи фирмавӣ иловатан пешниҳод мегардад, ки дар лоиҳа талаботи зерини техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ риоя карда шаванд:

1) Сархатҳои сеюм ва чоруми моддаи 1 таҷдиди назар карда шаванд, зеро тибқи қисми 3 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд.

2) Лоиҳа мутобиқати дохилӣ надошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода нашудааст ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ намебошад.

3) Қисми 2 моддаи 3, қисми 3 моддаи 5 ва моддаи 12 таҷдиди назар карда шаванд, зеро матни лоиҳа бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда нашудааст, ки ба тафсири ҳархелаи меъёрҳо мусоидат менамояд.

4) Дар номи моддаи 11, сархати панҷуми моддаи 11 лоиҳа калимаи “тарзҳои” ба калимаи “воситаҳои” иваз карда шавад.

5) Дар сархатҳои дуюми ва сеюми моддаи 11 калимаи “тоза” ба калимаи “хориҷ” иваз карда шаванд.

6) Боби 4 лоиҳа дар мувофиқа бо моддаҳои 13 ва 14 лоиҳа таҷдиди назар карда шавад.

7) Лоиҳа бо дарназрдошти муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 такмил дода шавад.

8) Матни забони тоҷикии лоиҳа ба матни забони русии он мутобиқ карда шавад.

Лоиҳа бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳо такмил дода шуда, такроран ба Маркази миллии қонунгузорӣ барои хулоса пешниҳод карда шавад.

Директор Саидзода И.Ҳ.